*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,(бо суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) пешкаш карда шудааст**

Дар шароити таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ рақобатпазирии ширкатҳо, бахусус корхонаҳои саноатӣ яке аз категорияҳои муҳимтарини иқтисоди бозорӣ буда, имкон ва самаранокии мутобиқшавии корхонаро ба муҳити рақобатпазир тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, ҷои шубҳа нест, ки дар шароити муосир ва дар оянда масъалаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ муҳим мебошанд.

Дар баробари ин, таҳлилҳои ҳамаҷонибаи масъала нишон дод, ки олимон ва мутахассисони соҳа мушкилоти умумии назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, иқтисоди миллӣ, соҳаҳо ва кластерҳоро дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд. Бисёр ҷиҳатҳои ин мушкилот, аз ҷумла масъалаҳои омӯзиши омилҳои асосии ба дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда, кор карда баромадани модели иқтисодию математикии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, таъминоти иттилоотии рақобатпазирӣ ба қадри кифоя омӯхта нашудааст. Далелҳои зикргардида муҳимият ва аҳамияти амалии мавзӯи тадқиқотро барои минбаъд таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук муайян мекунад.

Аз ҷониби муаллиф, механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таҳия шудааст, ки чунин қисмҳоро дар бар мегирад: аниқ кардани бартариҳои рақобатпазирии корхона; такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона; ҷорӣ намудани низомҳои пешқадами идоракунии сифат, баланд бардоштани иқтидори захиравӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионии корхонаҳо; самаранок истифода бурдани фондҳои асосӣ ва истеҳсолии корхонаҳо ва ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар корхонаҳо ва ғайра.

Дар шароити муосир таъминоти иттилоотии рақобатӣ бояд ба талаботи бозор ҷавобгӯ бошад ва сохти он бояд ба консепсияи маркетингӣ, ки ба таҳқиқоти маркетингӣ асос ёфтааст, такя намояд. Муаллиф дар асоси омӯзиши равишҳои методологии коркарди низомҳои иттилоотӣ механизми таъминоти иттилоотии корхонаҳои саноати сабукро такмил додааст, ки асоси он фароҳам овардани шароити зарурӣ барои зуд ва саривақт қабул, коркард ва интиқоли иттилоот аз ҷониби истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ мебошанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки барои ҳалли масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии корхона коркарди маҷмуи усулҳои иттилооти берунӣ ва дохилӣ зарур аст.

Дар баробари афзалиятҳо дар автореферат баъзе камбудию норасоиҳо дида мешаванд.

1. Муаллиф гурӯҳҳои зерини омилҳоеро муайян кардааст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғанигардонии бозор бо маҳсулоти ракобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ин омилҳо амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Аммо масъалаҳои тақсимоти муносибтарини захираҳои молиявии корхона, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии он ҷудо шудааст, дида баромада нашудаанд.

Камбудиҳо ва эродҳои гирифташуда характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро кам карда наметавонанд.

Автореферати мазкур, дар сатҳи дахлдор омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
Муовини Директори Агентии
содироти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Раҳимзода

**Нишонӣ:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 23,
**Тел:**221-70-03; **e-mail: asodirot@inbox.ru**

Имзои Б. Раҳимзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кадрҳои Агентии содирот

АГЕНТИИ СОДИРОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС